## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович тахти унвони «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», дар он ифода мегардад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ қарордода бо назардошти он, ки мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин худ раванди махсуси педагогист ва дар марҳалаи кунунии ислоҳоти низоми маорифи мамлакат муносибат ва тағйиротҳои куллиро тақозо менамояд. Доир ба зарурияти мавзуи мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин муносибат аз нигоҳи гуманистӣ ба кор бурда шуда, тавассути мутаносибгардонӣ сатҳи натиҷабахшии раванди педагогии муносибатҳои арзишии омӯзгор ва хонандаро баланд метавон кард. Мутаносибии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад асоси рушди устувори иҷтимоӣ ва маънавии кишвар гардад, ки дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ба сифати яке аз ҳадафҳои таҳсилот пеш оварда шудааст.

Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқи рисола дар раванди ислоҳоти низоми маорифи мамлакат масъалаи рушди мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муаммои муҳими илмӣ ба шумор рафта, ба таҳқиқи ҳамаҷониба ниёз дорад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб

Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, таҳқиқи чуқури илмии он ба ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулосаҳои алоҳидаи бобҳо, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои мавриди назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқот, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби якуми рисола, ки **«Асосҳои методологӣ ва назариявии мутаносибгардонии муносибатҳои байни педагог ва хонандагон»** номгузорӣ шудааст, масъалаҳои муносибатҳои педагог ва хонанда ҳамчун раванди педагогии мутаносибшаванда; шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгору хонанда ва маҷмуи усулҳои омӯзиш ва меъёрҳои баҳодиҳии натиҷаҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгору хонанда баррасӣ шудааст.

Дар боби мазкур, дар асоси таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва таҳқиқотҳои назарраси илмию педагогӣ муайян карда шудааст, ки мутаносибӣ дар таълифоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ ҳамчун мақсади фарҳанг, ки ба дарки олам ва инсон нигаронида шудааст, якум, чун шакли мувофиқтарине фаҳмида мешавад, ки самти инкишофи ҳама чизи томро муайян мекунад; дуввум, ҳамчун воситае фаҳмида мешавад, ки робитаи мутақобили унсурҳо, қисмҳо, тарафҳои ҳама гуна чизи томро дар асоси тартиби дохилию амиқ, ҳамоҳангӣ, пуррашавандагӣ ва таъсироти мутақобил амалӣ мегардонад.

Дар идомаи боби мазкур моҳияти мафҳумҳои муносибат, таносуб, номутаносибӣ, мутаносибгардонии сохторӣ ва функсионалӣ ошкор

карда шуда, ҷузъҳои раванди педагогии муносибатҳои арзишманди омӯзгорон ва мактаббачагон муайян гардидаанд:

1) ҳамдигарро пурра кардан, таъсироти мутақобили нисбатан баробар ва гузаришҳо ба ҳамдигар;

2) ҳамгироии маҳсулноку эҷодӣ, ки аз афзалияти том нисбат ба қисмҳои он бармеояд;

3) вобастакунӣ, ки ҷузъҳои мухолиф тавассути ҳалқаи севум инкишоф ёфта, мутаносиб мегарданд;

4) дигаргуншавии куллӣ, вақте ки яке аз ҷузъҳо пойгоҳ буда, барои дигараш ҳамчун асоси иловагӣ хизмат мекунад.

Боби дуюми рисола, ки **«Технологияи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва мактаббачагон»** ном дорад, масъалаҳои худташхисӣ ва худтаҳлилкунии вазъи мутаносибагардонии педагог ва хонандагон; тарҳрезӣ ва амалисозии технологияи педагогӣ барои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагон; самаранокии натиҷаҳои амалисозии технологияи педагогӣ оид ба мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагон таҳқиқ гардидаанд. Дар боби мазкур, муаллифи диссертатсия бо такя ба таҳқиқотҳо оид ба худшиносӣ ва худташхисӣ вазифаҳои худташхискунӣ дар амалияи мутаносибгаронии муносибатҳои педагог ва хонандагон номбар шуда, таъкид мегардад, ки зимни худташхисӣ вазифаи ташхискунии педагог бо хонанда тақсим карда мешавад. Дар баробари ин, принсипҳои худташхисӣ ба таври зайл: маҷмӯӣ (комплексӣ) будан, муттасилӣ, мутаҳаррикӣ, асоснокӣ зикр гардида, муфассал баррасӣ шудаанд. Қобили қайд аст, ки муҳаққик дар ин боб методҳои асосии худташхискунии хонандагонро ба таври зерин худмушоҳида, худҳисоботдиҳӣ (мактуб, иншо, рӯзнома), мушоҳидаи ҳамроҳӣ, суҳбат, методи шарҳиҳолӣ, худтаҳлилкунии маҳсули фаъолият муайян кардааст, ки ба ҷузъҳои навгонии таҳқиқоти муаллиф маҳсуб кардан мумкин аст.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти

мутаносибгаронии муносибатҳои педагог ва хонандагон тавассуҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дакиккорона мавриди омӯзиш ва таҳил карор додааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Пиров Ҳ. П. аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳимми ташаккули мутаносибгаронии муносибатҳои педагог ва мактаббачагон ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Пиров Ҳ. П. дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳиммеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, зимни таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳи тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба танзими онҳо, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои фаъолияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагон, ҳамчун муаммои педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ, муайян кардани муҳтавои педагогӣ ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ***ба навгониҳои илмии зерин муваффақ гардидааст. Аз ҷумла:***

- моҳияти мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудааст;

- бартараф кардани носозгорӣ, номувофиқатии ҷузъҳо, вазифаҳо ва ноилшавӣ ба мутаносибӣ, мусоидати тарафайни онҳо дар асоси мутаносибшавии онҳо бо ҳадаф;

- механизмҳои мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардиданд: пурракунӣ, ҳамгироӣ, интериоризатсия ва экстериоризатсия, инъикос (меросбарӣ) ва тавлиди (офаридан) арзишҳо;

- маҷмуи шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок карда шуд;

- самаранокии мутаносибгардонии раванди таҳқиқшаванда ошкор гардид: пайдоиши синергия, рушди рефлексия, азхудкунии аҳаммияти арзишҳо, инъикос, тавлиди мазмунҳо, тағйири нуқтаи назар дар фаҳмиши арзиш, бехтаргардонии интихобҳои арзишӣ, дақиқ кардани низоми арзишҳо, рушди иқтидори шахсиятӣ, пайдоиши сифатҳои нави шахсият, корҳои нек;

- технологияи педагогие коркард шудааст, ки масирҳои инфиродӣ-шахсиятӣ (барномаи шахсии худмуайянкунии хонандагон дар низоми арзишҳо) ва лоиҳакашии иҷтимоиро фаро мегирад, ки ба мутаносибгардонии муносибатҳои педагог ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст.

Аз ин мавкеъ месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубраму саривақтӣ ва дархӯри ниёзҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар арзёбӣ кунем.

Навгониҳои илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои илмӣ-методии пешниҳодшударо собит месозанд.

Қобили зикр аст, ки дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлӯҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои баргузорнамудаи Пиров Ҳ. П. ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи он аст, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти гузаронидашуда тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқӣ-илмии таҳқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ ва бардавомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омадаанд.

Яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аён мегардад, ки муаллифи рисола масъалаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ва ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст. Барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии мутафаккирони бузурги гузаштагон, донишмандон ва таҳқиқотҳои муосири ватанӣ ва хориҷи кишвар фикру мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро далел овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ-методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу тавсифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф, ки ба ҳадаф, объек, предмет, вазифа ва талаботи мантиқи таҳқиқоти илмӣ мувофиқанд, таъмин карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, машваратҳои августии омӯзгорон, ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии донишгоҳ баррасӣ гардидаанд

ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ карда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.***

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот* дар он аст, ки назария ва амалияи таҳсилот бо дониши муосири илмӣ оид ба асоси назариявӣ-методологии такмили мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ ғанӣ гардид: қисмҳои мундариҷавӣ, методӣ ва протсессуалии раванди мазкур муназзам гардиданд; амсилаи мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва тарҳрезӣ шуд; воситаҳои меъёрӣ-ташхисӣ барои мониторинги раванди мазкур муайян гардид.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* аз он иборат аст, ки технологияи коркардшудаи педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ роҳи рушди мутаносиби шахсиятро дар асоси фарогирии арзишҳои маънавию ахлоқӣ, методика ва воситаҳои ба амалияи таҳсилот ҷорӣ намудани матлабҳои консепсияи мутаносибгардонии раванди педагогии таҳқиқшавандаро тариқи масирҳои инфиродӣ-шахсиятии худмуайянкунии арзишӣ, тарҳрезии иҷтимоии самтгирии инсонпарваронаро зимни мусоидати педагогӣ ба ин фаъолият инъикос менамояд; маълумоти дар рафти таҳқиқот ба даст омадаро дар амалияи фаъолияти таълимӣ-маърифатии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди омодагии омӯзгорони оянда дар донишгоҳу донишкадаҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои фаъолияти самаранок оид ба афзудани сатҳи маҳорати методии омӯзгорон метавонанд истифода шаванд.

Тавсияҳои методии тахия ва пешниҳодшуда ба ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бе чуну чаро мусоидат хоҳанд кард.

***Мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи илмии ихтисос.***

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Пиров Ҳ. П. ба шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаи илмӣ, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд.

***Мутобиқат ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо»:***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро инъикос карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълумот медиҳад.

Дастовардҳои диссертатсия, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои он тибқи талаботи Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ҷадвалҳо ва диаграмма таъмин аст.

Матни диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оммафаҳм, равону амиқ буда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ комилан риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеху равшан бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикр гардиданд, диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нестанд, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Муаллиф дар диссертатсия оид ба шаклҳо методҳо ва воситаҳои ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот додааст. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ шаклҳо, методҳо ва воситаҳои пешкадами онро дар мисоли баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои кишвар оид ба ташаккули мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли таҳлил ва намуна мисол меовард.

2. Диссертант дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои моҳият ва хусусиятҳои мутаносибгардонии муносибатҳои омӯзгор ва хонандагон ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Вале дар ин қисмат таҳлили асарҳо, андешаҳои муҳаққиқон ва олимони ватанӣ оид ба ин раванд дар шароити имрузаи кишвар ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**ХУЛОСА**

1. Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Унвонҷӯй ба ҳадафи дар таҳқиқот гузоштааш ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Пиров Ҳоҷибой Пирмаҳмадович дар мавзуи «Шартҳои педагогии мутаносибгардонии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаҳои КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Абдураҳимзода Қ.С.

«03» 05 2024с.

***Маълумот барои тамос:***

735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Тел.+(992)3233-25481. Моб. 918274643.

*Имзои Абдураҳимзода Қ.С.-ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори ШК ва КМ-и Донишгоҳи давлатии Бохтар*
*ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.*